***ТАҚРИЗ***
***ба автореферати диссертатсияи Саъдуллозода Исматулло Саъдулло дар мавзуи «Хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ***

Басо равшан аст, ки дар аввалҳои солҳои шастуми асри XX адабиёти тоҷик ба як марҳилаи тоза ворид шуд, ки хоси он ҷустуҷӯҳои эҷодӣ, таҷрибаҳои нав ва шикастани қолабҳои маъмулӣ буд. Дар ин давра шеър ба майдони асосии таҷрибаҳои бадеӣ табдил ёфт ва шоирон бо рӯ овардан ба шаклу сабкҳои гуногун талош варзиданд, ки ба сухани адабӣ мазмуну ҷилои нав бахшанд. Мавзуъҳои тоза, усулҳои ифодаи ғайрианъанавӣ ва кӯшиши озодсозии шеър аз қолабҳои суннатӣ аз ҷумлаи хосиятҳои барҷастаи ин раванд ба шумор мерафтанд. Маҳз дар ҳамин шароит шоирони пешсаф ва насли ҷавони эҷодкор вориди майдони адабӣ гардиданд ва бо ҷаҳонбинии тоза ва услуби хоси худ роҳи нави адабиро таъйин карданд.

Дар миёни намояндагони ин равияи ҷадид шахсияти адабӣ ва эҷодии Алимуҳаммад Муродӣ мақоми вижа дорад. Ӯ бо ҷаҳонбинии хоси худ, ки ба худшиносии миллӣ, ҳифзи мероси таърихиву фарҳангӣ ва арзишҳои инсонии умумбашарӣ такя мекунад, дар назми муосир нақши муҳим бозидааст. Ашъори Муродӣ на танҳо дар қолабҳои суннатии шеър ҷойгоҳи арзанда пайдо кардааст, балки дар шаклҳои тоза ва вазнҳои нав низ таҷрибаҳои ҷолиб пешкаш намудааст. Аз ин рӯ, баррасии осори Муродӣ барои пажӯҳишҳои илмӣ аҳамияти назаррас дошта, имкон медиҳад, ки ҷараёнҳои ҳамгироии анъана ва навгароӣ дар адабиёти муосири тоҷик ба таври амиқ ва илмӣ арзёбӣ шаванд.

Диссертатсия, тавре ки дар автореферат зикр мегардад, аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва феҳрасти адабиёт иборат буда, ба талаботи таснифи расмии рисолаҳои илмӣ мутобиқат мекунад. Ин сохтор имкон медиҳад, ки ҷараён ва натиҷаҳои таҳқиқ бо риояи низоми муайяни илмӣ ба таври пайдарпай пешниҳод шаванд.

Дар қисмати муқаддимавӣ, робитаи мавзуъ бо барномаҳо ва самтҳои илмӣ, инчунин мақсад ва вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, асосҳои назариявию амалӣ ва методологӣ, сарчашмаҳо ва навгониҳои илмӣ ба таври возеҳ инъикос ёфтаанд. Ҳамчунин, саҳми шахсии довталаб дар раванд ва натиҷаҳои таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисос, ҳамзамон дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо бо далелҳои илмӣ асоснок нишон дода шудаанд. Ҳар як нуктае, ки барои ҳимоя пешниҳод

мегардад, дар доираи низоми муайян таҳия шуда, ба меъёрҳои илмии амалкунанда ҷавобгӯ мебошад.

Боби аввали диссертатсия таҳти унвони «Рӯзгор ва осори Алимуҳаммад Муродӣ» аз ду фасл иборат буда, дар он зиндагиномаи шоир ва фаъолияти эҷодии ӯ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар фасли аввал, ки «Зиндагиномаи Алимуҳаммад Муродӣ» ном дорад, макони таваллуд, аслу насаб, ҳаёт ва фаъолияти шоир баррасӣ шудааст.

Фасли дуюми таҳқиқ бо номи «Осори бадеии шоир» раванд ва таҳаввулоти эҷодии Алимуҳаммад Муродиро аз нахустин шеърҳояш то марҳалаи таҳия ва нашри маҷмуаҳои сершумораш пайгирӣ менамояд. Муаллиф дар фасли мазкур нишон медиҳад, ки аввалин шеъри шоир бо номи «Суруди вафодорӣ» соли 1975 дар рӯзномаи «Маориф ва маданият» ба нашр расида, оғози фаъолияти адабии ӯро ифода кардааст. Соли 1976 чанд шеъри дигар, аз ҷумла «Қафас бишкан» ва «Оянда дар пеш», дар ҳамон рӯзнома чоп шуданд, ки ба шинохти шоир дар муҳити адабӣ мусоидат карданд. Муаллиф дар фасли мазкур низ таъкид мекунад, ки аз солҳои 1980-ум то имрӯз фаъолияти шоир бо нашри маҷмуаҳои сершумор идома ёфтааст, ки ҳар яке марҳалаи муайяни рушду такомули эҷодӣ ва завқи бадеии ӯро инъикос менамояд. Маҷмуаи нахустинаш «Дастниҳол» соли 1983 бо пешгуфтори Убайд Раҷаб нашр шуда, 24 шеъри гуногунжанрро фаро мегирифт. Баъдан маҷмуаҳои «Нози Наврӯз» (1988), «Роҳи рух» (1993), «Чароғи рӯзадор» (1998), «Хайрбоди баҳор» (2004), «Моҳи хасрав» (2012), «Боғи мурод» (2015), «Сунбулкон» (2018) ва «Шафақи шом» (2020) пай дар пай рӯйи чоп омаданд. Диссертант нишон медиҳад, ки ҳар як маҷмуа ҳамчун намунаи таҷрибаи эҷодии шоир ва саҳми босазои ӯ дар рушди назми муосири тоҷик ба ҳисоб меравад.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони «Ҷанбаҳои мавзуии ашъори адиб» аз чаҳор фасл иборат буда, дар он диссертант талош варзидааст, ки паҳлуҳои муҳими эҷодиёти шоирро бо риояи мантиқ ва далелҳои муътамад таҳлил намояд. Дар фасли аввал – «Мавзуи Ватан ва ватандӯстӣ», муҳаққиқ бо такя ба анъанаҳои адабиёти классикии тоҷику форс нишон медиҳад, ки мавзуи меҳанпарастӣ дар маркази таваҷҷуҳи Алимуҳаммад Муродӣ қарор дошта, бо самимияту садоқат ифода шудааст. Диссертант бо мисолҳои мушаххас собит месозад, ки шеърҳои шоир дар васфи ватан танҳо ба тавсифи зебоиҳои диёр маҳдуд намешаванд, балки паёмҳои маънавии баландро дар худ таҷассум намудаанд.

Дар фасли дуюм – «Баррасии мавзуи бачагӣ», муҳаққиқ ба таври муфассал нишон медиҳад, ки таҷрибаи кӯдакӣ дар осори шоир мавқеи хос дошта, ба сифати рамзи содагӣ, покӣ ва ширинии зиндагӣ таҷассум

ёфтааст. Бо овардани номгӯи ашъори ба ин мавзуъ бахшидашуда, диссертант қобилияти шоирро дар зинда гардондани эҳсосоти тифлона бо забони шоирона ва таъсирбахш арзёбӣ мекунад.

Дар фасли сеюм – «Ситоиши модар» муҳаққиқ бо ишора ба нахустин асари шоир дар ин самт – «Шеъре зи панҷ ҳарф», нишон медиҳад, ки мавзуи модар аз оғози фаъолияти эҷодии Алимуҳаммад Муродӣ то ба имрӯз пайгирӣ шудааст. Диссертант таъкид менамояд, ки шеърҳои шоир дар ситоиши модар бо самимияти беандоза ва муҳаббати беолоиш навишта шуда, симои модар ҳамчун рамзи покӣ, бурдборӣ, зебоӣ ва ҷовидониву муқаддасот таҷассум ёфтааст.

Дар фасли чоруми боби мазкур – «Тараннуми ишқу муҳаббат», муҳаққиқ ишқро яке аз арзишҳои асосии зиндагии инсонӣ дониста, ба он ҳамчун як қувваи созанда ва илҳомбахш назар мекунад. Диссертант бо такя ба маҷмуаи «Сунбулкон» собит месозад, ки муҳаббат дар ашъори шоир бо баёни тоза ва нигоҳи нав суруда шуда, на танҳо унсури бадеӣ, балки воситаи парвариши завқи маънавӣ ва ҳассосияти инсонӣ мебошад. Бо чунин таҳлилҳо, кори диссертант дар ин фасл ба сифати як пажӯҳиши илмӣ-адабӣ бо арзёбии амиқ ва равиши таҳлилӣ пешкаши хонанда мегардад.

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони «Хусусиятҳои жанрии ашъор ва ҳунари нигорандагии шоир» ба таври муфассал паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти Алимуҳаммад Муродиро таҳлил мекунад. Дар фасли аввал – «Ашъори дар жанрҳои суннатӣ эҷодкардаи шоир», диссертант нишон медиҳад, ки шоир бо вуҷуди рушду паҳншавии шаклҳои нав, ба жанрҳои суннатӣ низ арҷ мегузорад. Муҳаққиқ бо мисолҳои мушаххас собит месозад, ки ғазал, маснавӣ, қитъа, мусаммат, мустазод, рубоӣ ва дубайтӣ дар эҷодиёти Муродӣ мавқеи муҳим доранд ва шоир бо истифода аз онҳо на танҳо анъанаҳои адабии классикӣ ро эҳё мекунад, балки мазмуну услуби тозаро низ ворид менамояд.

Дар фасли дуюми боби сеюм – «Шеъри нав», диссертант шаклҳои чаҳорпора, шеъри нимоӣ ва шеърҳои хурди тасвириро таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки чаҳорпора мавқеи марказӣ дорад ва шумораи он дар гулчини ашъори шоир ба 112 мерасад. Муҳаққиқ таъкид мекунад, ки шеъри нимоӣ ё арузи нав дар эҷодиёти Муродӣ на танҳо ҳамчун як шакли устувор, балки ҳамчун имконияти таҷдиди мазмун ва озодии таълиф мавқеи назаррас касб кардааст. Ҳамзамон, шеъри хурди тасвирӣ дар назми имрӯзаи тоҷик низ ҳамчун шакли озоди эҷодӣ, ки имконияти таҷассум ва тарзу ҳусни тасвирро фароҳам меорад, мавқеи муҳим дошта, дар эҷодиёти Муродӣ ба таври равшан таҷассум меёбад.

Фасли сеюми боби сеюм – «Вазни ашъори Алимуҳаммад Муродӣ» ва фасли чорум – «Ҳунари нигорандагии шоир» кори диссертантро ҳамчун таҳқиқи илмӣ-адабӣ пурра менамоянд. Муҳаққиқ нишон медиҳад, ки шоир бештар дар баҳрҳои ҳазаҷ, рамал, раҷаз, хафиф, музореъ, мутадорик ва муҷтасс шеър эҷод карда, бо ин васила ҳам иртиботи худро бо анъанаҳои классикӣ нигоҳ дошта, ҳам шаклу вазни гуногунро озмоиш намудааст. Дар фасли чоруми боб, диссертант маҳорати эҷодии Муродиро дар тасвиркорӣ, баёни ҷозиб, суханоройии тоза ва истифодаи санъатҳои бадеӣ таҳлил мекунад. Муҳаққиқ бо мисолҳои мушаххас нишон медиҳад, ки шоир бо фасоҳату балоғат ва истифодаи рангину ҷолиби воситаҳои бадеӣ тавонистааст ашъори дилнишин ва пурмазмун эҷод намояд. Бо чунин таҳлилу арзёбиҳо, диссертант на танҳо хусусиятҳои жанрӣ ва услубии ашъорро равшан месозад, балки ҷойгоҳи Алимуҳаммад Муродӣ дар адабиёти муосири тоҷикро низ муайян менамояд.

Саъдуллозода И.С. дар ҷараёни пажӯҳиш маводи хеле фаровон ва арзишманд ҷамъ оварда, дар баробари он андешаҳои хешро низ доир ба нуктаҳои баҳсталаби мавзуи таҳқиқ баён кардааст. Ҷанбаи илмии автореферат қавӣ ба назар мерасад, зеро Саъдуллозода И.С. дар таълифи пажӯҳиши худ аз осори таҳқиқии зиёди муҳаққиқон истифода бурда, таҷриба ва андешаҳои пешқадамро ба кор гирифтааст.

Автореферат бо забони хеле хуби илмӣ навишта шуда, баёнгари он аст, ки муаллифи он заҳмати зиёде кашидааст, то ки дар атрофи ин мавзуъ кори илмии судманде ба анҷом расонад.

Дар фишурдаи мавриди тақриз дар радифи комёбиҳои фаровон баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. Дар боби сеюми кор диссертант бо вуҷуди он ки гурӯҳбандии шаклҳои шеърии тарҷеотро аз рӯйи муҳтаво дуруст ҷудо кардааст, аммо беҳтар мебуд, ки ин ду навъро дар шакли терҷеъбанд ва таркиббанд зикр мекард (на тарҷеоат ва тарҷеъбанд) (с.16);

2. Дар фишурдаи диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳ. 9, 12, 14, 17) ба назар расид, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

Албатта, ин гуна ғалатҳо хусусияти ҷузъӣ доранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқгардида таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Мазмун ва муҳтавои фишурдаи он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидааст мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф, ки дар маҷмуъ фарогири 7 адад мебошанд, пурра инъикос мекунанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Саъдуллозода Исматулло Саъдулло дар мавзуи «Хусусиятҳои мавзуӣ ва жанрии ашъори Алимуҳаммад Муродӣ» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

**Муқарриз:**

Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Холиқова Зайналбӣ Кенҷаевна

«28» августи соли 2025

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, маҳ. С. Вализода 119
Тел: (+992) 918670850
E-mail: mudir-72@mail.ru

Имзои Холиқова З.К.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК КМ ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. — Давлатов М.А.

«28» августи соли 2025

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, маҳ. С.Сафров 16
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: +992 (3322) 2-35-06;
E-mail: info@kgu.tj